**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии**
**омӯзгории Тоҷикистон ба номи**
**Садриддин Айнӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор**
**______________Ибодуллозода А.**
**«___» _______ с. 2023.**

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия ва автореферати Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна тахти унвони «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ).**

Шаҳри Хуҷанд аз қадимтарин замонҳои таърихи халқи тоҷик ба ҳукми яке аз марокизи барҷаста ва бузурги илму фарҳанг, маориф ва адабиёти форсу тоҷик эътироф гардида, донишмандону фозилон, шоирону ҳакимони зиёде дар домани ин сарзамини куҳани таърихӣ парвариш ва камол ёфтаанд. Номи Абумаҳмуди Хуҷандӣ, хонадони Оли Хуҷанд ва чеҳраҳои тобноки он, чун Ҷамолуддин ва Садриддини Хуҷандӣ, Зиёи Хуҷандӣ, шоири маҳбуб ва ғазалсарои шаҳир Шайх Камолиддини Хуҷандӣ ва садҳо тани дигар дар муаррифии ин шаҳри бузурги таърихӣ ҳамчун маркази илму фарҳанг ва адабиёти тоҷику форс нақши муҳим ва муассир доранд. Хосатан, дар асрҳои XVIII то аввали асри XX гурӯҳи бузурги шоироне дар ин шаҳри фарҳангпарвар ва шоирхез барои риводи муҳимтарин суннатҳои адабиёти гузаштаи мо хидмат намудаанд, ки аксари

онҳо шоирони соҳибдевон буда, мероси қисмати зиёде аз онҳо тавассути тазкираву манобеи дигари адабӣ, чун баёзу ҷунгҳо то замони мо расидаанд. Албатта, роҷеъ ба зиндагинома ва мероси адабии гурӯҳе аз онҳо, аз ҷумла Шӯхии Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ ва дигарон пажуҳишҳои ҷудогонае сурат гирифтааст ва таълифи «Тазкираи шуарои Хуҷанд» аз ҷониби донишманди зиндаёд, доктори илми филология, профессор Абдулманнони Насриддин саҳифаи тоза ва ибтикори хеле муҳим дар таҳқиқ ва шинохти ҳавзаи адабии Хуҷанд дар масири таърихи ташаккули адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад.

Бо ин ҳама, корномаҳои судманд дар умум, таҳқиқоти комиле роҷеъ ба манзараи куллии рушди адабиёти форсу тоҷик дар ин ҳавзаи адабӣ дар асрҳои XVIII то аввали асри XX, ривоҷи суннатҳои адабиёти куҳан ва таҳаввули жанрҳои адабӣ ва дигар масоили марбут ба инкишофи падидаҳои адабиёти миллӣ дар ин сарзамин то кунун пажуҳиши мустақил сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна таҳти унвони «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» аз аввалин пажуҳишҳои муҳим дар муаррифии шаҳри Хуҷанд ба унвони як ҳавзаи адабии мустақил дар аҳди мазкур ба шумор меравад. Ҳарчанд дар давраи мазкур асосан, ҳавзаи адабии Хӯқанд дар таърихи адабиёти форсу тоҷик маъруфияти тамом дошт, вале ҷусторҳои амиқ ва дақиқи муаллифи диссертатсия омил бар он шудаанд, ки ӯ муҳити адабии шаҳри Хуҷандро ба унвони як маркази муҳимми адабиву фарҳангӣ муаррифӣ намуда, муҳимтарин вежагиҳои адабии онро муқаррар ва мавриди пажуҳиш қарор диҳад. Чунончи дар муқаддимаи диссертатсия барои исботи назари хеш дар мавриди ҳавзаи адабии Хуҷанд менависад: «Бино бар таъкиди профессор А.Насриддин «Хуҷанд шаҳрест қадимиву маъруф ва дар сарзамини Мовароуннаҳр, маркази илму адаб ва тамаддун, хостгоҳи донишмандон ва сухансароёни соҳибзавқ, ки таърихи бештар аз дуҳазору панҷсадсола дорад».

Истифодаи таъбирҳои «маркази илму адаб ва тамаддун, хостгоҳи донишмандон ва сухансароёни соҳибзавқ», ки дар аксари сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ҳам ибораҳое инчунин нисбат ба Хуҷанд истифода шудааст, ба мо имконият медиҳад, ки бо такя бар ҳузури чунин донишмандон ва сухансароён дар ин шаҳр онро чун ҳавзаи илмиву адабӣ қабул намоем. Махсусан, аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX шоирони зиёде дар ин сарзамин зиндагонӣ ва эҷод намудаанд, ки ҳузури онон, бешубҳа, омили аслии идомаи падидаҳои адабии хоса як ҳавзаи адабии таърихӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд бархе аз шуаро бо сабабҳои маълум ва номаълум тарки зодгоҳ намуданд, чароғи шеъру маърифат бевосита бо шарафи оғоз ва ривоҷи эҷодиёт дар зодгоҳи эшон ҳамеша фурӯзон буд» (саҳ. 4)

Диссертатсия аз муқаддима, 3 бобу 11 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, маводи он 189 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Муқаддима фарогири масоиле, чун мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳо, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф дар анҷоми ин пажуҳиши муҳим ба шумор меравад. Аз ҷумла, дар муқаддима таъкид шудааст, ки диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқотии хеш 12 мақола, аз ҷумла чор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки ин дастоварди хеле муҳим ба шумор меравад.

Боби аввали диссертатсия **«Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX»** ном дошта, маҷмуи матлабҳои меҳварии таҳқиқшаванда дар чаҳор фасл баррасӣ шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант бо фарогирии маводи тазкираҳои

адабӣ сарчашмаҳои асосии омӯзиши адабиёти ин давраро дар сурати тазкираҳо, дафтару баёзҳо, девони шуаро, феҳристҳо, муқаррар намуда, роҷеъ ба муҳимтарини онҳо маълумот додааст. Аз ҷумла, бар асоси истифода аз хазинаи дастнависҳои китобҳои мухталифи ватаниву хориҷӣ ба диссертант муқаррар шудааст, ки роҷеъ ба чанд нусхаи девони шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд маълумот дода, аз ҷумла намунаҳое аз ашъори бархе аз шоирон, чун Қутбинисо, Ғозии Хуҷандӣ ва дигаронро, ки то кунун ашъорашон дар тазкираҳои эҷодшуда муаррифӣ нашудаанд, баррасӣ намояд. Ба унвони муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзиши адабиёти давраи мазкур китобҳои «Тазкираи шоирони Хуҷанд»-и Эргашалӣ Шодиев, «Тазкираи шуарои Хуҷанд»-и Абдулманнони Насриддин, «Тазкираи шоирони авлодӣ»-и Мирзо Муҳиддин Ҳомидзода низ дар ин бахш муаррифӣ ва арзишу аҳаммияти ҳар яке аз онҳо баён шудаанд. Манзараи куллии рушди адабиёти тоҷик дар ин давра дар шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр, аз ҷумла ҳавзаи адабии Хӯқанд ва дар канори он ташаккули адабиёт дар шаҳри Хуҷанд низ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, сиёсати шоирпарваронаи амири Хӯқанд Умархон, ки худ низ бо тахаллуси Амирӣ шеър эҷод менамуд, шарҳу тафсир ёфтааст.

Бино ба таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ, ҳарчанд қисмате аз шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд бевосита ба дарбори Амир Умархон иртибот доштанд ва онон низ муҳимтарин суннатҳои мактаби адабии дарбори шоҳро, ки дар саргаҳаш худи ӯ қарор дошт, давом медоданд, вале гурӯҳи калони ин шуаро бевосита дар шаҳри Хуҷанд зиндагӣ ва иқомат дошта, барои инкишофи адабиёти тоҷик хидмат менамуданд.

Бар асоси равиши хоси таҳқиқотӣ муҳимтарин мавзуоти адабиёти ин давраро дар даҳ банд ба сурати бозтоби масоили иҷтимоӣ, тараннуми ишқу муҳаббат, васфи табиат, танқид, мадх, ҳаҷв, панду андарз, марсия, васфи Хуҷанд муқаррар намуда, намунаҳои онро дар таркиби намояндагони барҷастаи шоирони ҳавзаи Хуҷанд, чун Шӯхии Хуҷандӣ,

Лисонии Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Файёзи Хуҷандӣ, Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ ва дигарон шарҳу тафсир кардааст. Ҳамин гуна, масъалаи ривоҷи адабиёти дузабона – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ низ бар асоси таҳлилу баррасии намунаҳои ашъори шоироне чун Нозили Хуҷандӣ, Файёзи Хуҷандӣ, Тошхоҷа Асирӣ ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, зимнан чунин натиҷагирӣ шудааст, ки «дар ҳавзаи адабии Хуҷанд дар доираи фарогирии адабиёти дузабона истифодаи муламмаъ ривоҷ пайдо кард, яъне шоирони ин ҳавза дар баробари унсурҳои маъмулии муламмаъ дар шеърҳои тоҷикӣ – аносири туркиву арабӣ аз аносири русӣ (дар мисоли эҷодиёти Асирӣ ва Файёз) низ истифода кардаанд, ки он ба шинохти ин унсурҳо ҳамчун зуҳуроти навгаройӣ омил шудааст.

Яке аз баҳсҳои қобили таваҷҷуҳ дар ин қисмати диссертатсия таҳқиқи вежагиҳои ашъори бонувони суханвари ҳавзаи адабии Хуҷанд ба шумор меравад. Муҳаққиқи ҷавон қайд мекунад, ки ҳарчанд роҷеъ ба нақши бонувони суханвари ин давраи ҳавзаи адабии Хуҷанд таҳқиқоте аз ҷониби Т.Усмон, Э.Шодиев, Б.Ҳиҷозӣ, М.Муллоаҳмад, А.Насриддин, М.Мирзоюнус, М.Ӯрунова, Д.Ваҳҳобзода, М. Ҳомидзода ва дигарон сурат гирифтааст, вале зарурати анҷоми як таҳқиқи муфассал роҷеъ ба масоили куллӣ ва умумияти сурудаҳои онҳо ҷой дорад, зеро замони мавриди таҳқиқ яке аз муҳимтарин давраҳое ба шумор меравад, ки саҳми бонувони суханвар дар инкишофи адабиёти давр хеле муҳим ва қобили мулоҳиза ба назар мерасад. Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифи диссертатсия муайян намудааст, ки дар ин давра 9 бонуи суханвар ба эҷоди шеър машғул гардидаанд, ки дар ривоҷи суннатҳои адабиёти пешин саҳми назаррас гузоштаанд. Қамбархони Хуҷандӣ, Муаззамхони Хуҷандӣ, Муаттархон, Зебои Хуҷандӣ, Шарифабибӣ Оҷизи Хуҷандӣ ва дигарон аз ҷумлаи бонувоне ба шумор мераванд, ки дар ривоҷи адабиёти давра нақши муҳим дошта, муҳимтарин вежагиҳои мавзуӣ ва сабкии ашъори онҳо дар диссертатсия таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия **«Таҳаввули жанрҳои адабӣ»** унвон дошта, дар се фасл масъалаҳои асосии мавриди пажуҳиш шарҳу тафсир ёфтаанд. Муаллифи диссертатсия нахуст жанрҳои адабиро ба се даста, жанрҳои хурду бузурги ғиноӣ ва анвои дигари осори манзум ва мансур тасниф намуда, роҷеъ ба ҳар яке аз ин навъҳои адабӣ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд мулоҳизаронӣ кардааст. Бо сабаби он ки чун дигар давраҳои инкишофи адабиёти форсу тоҷик навъи ғазал низ дар ин давра мустаъмал буд, нахуст масоили марбут ба таҳаввули он, чун ҳаҷм ва баҳрҳои маъмули ғазал, ҷойгоҳи қофия ва радиф дар он, ғазали мусалсал, ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, баъдан вежагиҳои анвои дигари шеърӣ, чун рубоӣ, анвои рубоӣ ва вежагиҳои муҳими сабкии он, рубоии мустазод ва ирсоли масал, ки бевосита дар ҳамин давра дар таркиби мероси адабии шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд рӯ ба рушд овардаанд, қитъа, мустазод, фард чун намунаҳои хурди шеъри ғиноӣ баён гардидаанд.

Дар бахши анвои бузурги ғиноии шеър бошад, дар асоси ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд нахуст роҷеъ ба вежагиҳои муҳимми жанри қасида изҳор назар намуда, зимни таҳлили қасидаҳои Тошхоҷа Асирӣ ба хулосае мерасад, ки бо эҷоди қасоиде чун «Дар бобати мактаби ҷадид ва қадим» ё «Қасида дар боби усули ҷадида» вуруди тозагиҳоеро дар муҳтавои ин навъи шеърӣ таъкид мекунад. Ба андешаи муаллиф, маҳз таъсири афкори маорифпарварӣ ва ҷадидӣ ба муҳтавои қасоиди шоирони ин давр боис шуд, ки то ҷое ин навъи шеърӣ хусусияти мадҳиявии хешро аз даст дода, мазмун ва муҳтавои нав касб кунад, ки дар меҳвари он тавсифи мактабҳои усули нав, муомилаҳои тарҷумаиҳолӣ ва инсонгароӣ қарор бигирад. Баъдан, роҷеъ ба навъҳои шеърии мухаммас ва намудҳои он, тарҷеъбанд, шеър дар баҳри тавил, инчунин анвои дигари осори манзум ва мансур, чун маснавӣ, соқинома низ мулоҳизоти худро баён намудааст. Дар такмили сохторӣ ва мухтавоии навъи маснавӣ низ ба ибтикороти шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд чун Тошхоҷа Асирӣ, Файёзи Хуҷандӣ ва дигарон

ишорат намуда, мулоҳизоти хешро ба асоси навиштаҳои он собит намудааст. Ҳарчанд намунаҳои насрии суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар ин давра камтар ба назар мерасад ва муаллифи диссертатсия асосан, ба китоби «Ғароиби сипоҳ»-и Тоҷири Хуҷандӣ ва намунаҳои насри динии Муҳаммад Султон Абдуллоҳи Маъсуми Хуҷандии Маккӣ ишорат намудааст, вале мавҷудияти осори мазкур аз ташаккули насри таърихӣ ва динӣ дар ин давра дар ҳавзаи адабии Хуҷанд паём мерасонад.

Боби севуми диссертатсия **«Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд»** унвон дошта, масоили мавриди таҳқиқ дар чаҳор фасл баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия нахуст се ҷараёни шеърии ин давраро ба сурати мактаби пайравони Бедил, ҷараёни бозгашти адабӣ ва таҳаввули шеъри нав дар ин давра муқарррар намуда, баъдан равандҳои мазкури шеъри замонро ба таври алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Нахуст, ӯ таъкид медорад, ки чун дар ин аҳд пайравӣ аз сабк, шеваи суханварӣ ва андешаи Бедил ҷараёни бузурги адабиёти форсу тоҷики Мовароуннаҳрро ба вуҷуд оварда буд, гурӯҳи калони шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд низ суннатҳои мактаби пайравони Бедилро ба шоистагӣ идома додаанд.

Муҳаққиқи ҷавон масъалаи таъсири поэтикаи шеъри Бедилро дар сурати эҷодиёти шоирони ғазалсарои давр, чун Шӯхӣ, Воқиф, Нозил, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Хотиф, Зоир, Асирӣ бо мисолҳои возеҳу равшан баррасӣ ва таҳқиқ намуда, шеваҳои истиқбол ва таъсирпазирии онҳоро дар чанд даста тасниф кардааст, ки аз ҷумлаи онҳо таъсири шакли шеър (қофия, радиф, вазн), таъсири сабки сухан ва тарзи баён, корбурди образҳои шоирона, истиқбол аз тарзи маъниофарӣ ба шумор мераванд.

Дар баробари ин, ҷараёни дигари адабии давраро ба сурати бозгашти адабӣ муаррифӣ намуда, таъкид доштааст, ки ҳарчанд ин мактаби адабӣ асосан ва ба сурати расмӣ дар Эрон ривоҷ дошт, вале дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр низ шоирон аз унсурҳои он истиқбол намудаанд. Пайравӣ

аз шоирони пешин чун Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Навоӣ дар шеъри аксари ҳамин шоирон, ки аз Бедил низ пайравӣ намудаанд, аз он дарак медиҳад, ки қисмате аз онҳо дар оғоз аз Абулмаъонӣ пайравӣ намуда, баъдан бо сабаби мушкилоти сабкӣ аз ин роҳ баргашта, аз суннатҳои адабии шоирони то замони ӯ истиқбол намудаанд. Вуҷуди ҷараёнҳое, чун маорифпарварӣ, ҷадидия ва таъсири ғояҳои он ба шеъри давраи мавриди пажуҳиш муҳаққиқро ба натиҷае расонидааст, ки бар асоси ин авомил аносири шеъри нав низ дар адабиёти ин замон роҳ ёфтааст. Диссертант бо такя бар андешаҳои Садри Зиё дар бораи вуруди аносири шеъри нав мисолҳои равшани онро дар таркиби ашъори шоироне, чун Тошхоҷа Асирӣ, Файёзи Хуҷандӣ, Фахрии Рӯмонӣ, Қутбинисо, Бибиҳидоят ва дигарон муқаррар ва шарҳу тафсир карда, ҳамзамон чанд омили муҳимми зуҳури онро нишон додааст.

Равишҳои корбурди саноеи бадеӣ, чун ташбеҳу истиора, талмеҳу маҷоз, муроотуннazир, сифатчинӣ, тазод, ирсоли масал, муаммо ва амсоли ин дар ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар баробари таъйини се ҷараёни муҳимми адабиёти давр муайянкунандаи вежагиҳои поэтикии эҷодиёти шоирони мавриди пажуҳиш ба шумор меравад, ки ба таври муфассал дар ин қисмати диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳимтарин натиҷаҳои аз пажуҳиши мавзуъ ҳосилшуда ба сурати дақиқ дар 15 банди назарӣ ва муҳимтарин тавсияҳои амалӣ баён гардидаанд. Натиҷагириҳои амиқ ва дақиқи муаллиф аз он дарак медиҳад, ки ӯ барои анҷоми як пажуҳиши муҳим ва арзишманде иқдом намудааст, ки ҳосили мутолеаи амиқи сарчашмаҳои адабӣ, аз ҷумла нусхаҳои хаттии нодири девон ва баёзу ҷунгҳо, тазкираву таърихномаҳо ба шумор меравад. Дар баробари ин, маҳсули ковишҳои илмии диссертант омил бар он гардидаанд, ки дар бораи бештар аз 14 нафар шоирон маълумот ва намунаҳои ашъори ононро дарёфт намояд, ки дар тазкираҳои қаблан нашршудаи шоирони Хуҷанд дида намешаванд. Тавсия мешавад,

ки бар асоси маводи пайдонамуда, муаллиф барои таҳия ва нашри такмилаи «Тазкираи шуарои Хуҷанд» иқдом намояд.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ба назари мо ислоҳи онҳо ба навъи кори муаллифӣ мебошанд:

1. Аз таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф равшан мегардад, ки то имрӯз роҷеъ ба ҳавзаи адабии Хуҷанд 2 тазкира аз ҷониби устодон Эргашалӣ Шодиев ва Абдулманнони Насриддин ва чандин асари монанд ба тазкира ба қалам омадааст. Қобили таъкид аст, ки «Тазкираи шуарои Хуҷанд»-и устоди зиндаёд Абдулманнони Насриддин ҷомеътарин тазкира дар ин ҷода ба шумор меравад. Ба андешаи мо, хуб мешуд, ки дар як фасли рисола масъалаи раванди иншои тазкираи шоирони Хуҷанд ва осоре ҳамсони он ба таври алоҳида баррасӣ шуда, арзиш ва аҳаммияти ҳар якс аз он муқаррар мегардид.
2. Дар боби аввали диссертатсия муаллиф роҷеъ ба шоире аз Хуҷанд бо номи Воқифи Хуҷандӣ маълумот дода, таъкид менамояд, ки дар нусхаи баёзи маҳфуз дар китобхонаи Маркази мероси хаттии АМИ Тоҷикистон намунаҳои ашъори ӯ ҷой доранд ва ҳангоми муқоиса маълум шуд, ки бархе аз абёти як ғазали вай дар таркиби девони Воқифи Лоҳурӣ низ дида мешавад. Ба назари мо, агар бо дастрасӣ ба маҷмуи ашъори шоир, агар муҳаққиқ ашъори Воқифи Хуҷандӣ ва Воқифи Лоҳуриро ҷудо ва дақиқ менамуд, арзиши пажуҳиши ӯ боз ҳам боло мерафт.
3. Фасли севуми боби аввали диссертатсия ба масъалаи ривоҷи адабиёти дузабонаи тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯ қабл аз баррасии масъалаҳои меҳварӣ ба таърихи зуҳури робитаҳои адабии адабиёти тоҷику ӯзбек руҷуъ намудааст, ки ба назари мо, он изофӣ менамояд. Маълум аст, ки дар ин маврид таҳқиқоти зиёде ба сомон

расидааст ва ба назари мо зарурати такрори андешаҳо дар ин қисмати диссертатсия намебошад.

4. Ҳангоми таҳлилу баррасиҳо муаллиф гоҳо ба намунаҳои ашъори шоироне низ руҷуъ мекунад, ки ба ҳавзаи адабии Хуҷанд марбут нестанд. Масалан, дар фасли аввали боби аввал намунае аз шеъри Гулхании Бухороиро барои бозгӯии мавзуи шикоят аз замон, ҳангоми баррасии масъалаи шеъри нав мисоле аз Аҳмадҷони Ҳамдӣ овардааст, ки ба назари мо, намояндагони ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр ҳастанд.
5. Дар диссертатсия базъе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо омил ба афзудани ҳусни илмии он мегардад.

Албатта, ин қайду эродҳо ҳаргиз арзиш ва аҳаммияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ба таври куллӣ метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Ҳомидова Шамсия ба яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии муосири тоҷик ихтисос ёфта, бори аввал як давраи муҳимми таърихи инкишофи адабиёти тоҷикро ҳамчун ҳавзаи мустақили адабӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Мазмуни диссертатсия бо автореферати он ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ омода шудааст, пурра мувофиқат дорад. Муҳтавои автореферати диссертатсия ҳамроҳ бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ 12 ададро ташкил медиҳанд, мазмуни диссертатсияро ифода мекунанд.

Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба таври комил мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти

дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт; равобити адабӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 19-уми январи соли 2023, суратҷаласаи №6 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» – 16, «зид» – нест, «бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Солеҳов Ш.

**Эксперт:**
докторин илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Худойдодов А.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Шоев А.А.

**Имзоҳои д.и.ф., Солеҳов Ш.А., д.и.ф. Худойдодов А., н.и.ф., Шоев А.А.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992 987650043
E-mail: **soleh59@mail.ru**
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj